**ХУЛОСАИ**

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

1. Диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар такя ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи ҳуқуқии он бо қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҷрибаи судӣ, амалияи бақайдгирии давлатӣ ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, бахшида шудааст. Яке аз роҳҳои истифодаи мақсадноки бино ва иншоот муносибатҳои иҷоравӣ аст, ки дар заминаи он ҳар як субъект имкон пайдо мекунад, ки аз чунин воситаҳои ҳуқуқи маданӣ ва хусусиятҳои манфиатноки ин объектҳо баҳравар гардад. Шартномаи иҷораи бино ва иншоот яке аз шартномаи классикӣ маҳсуб ёфта, субъектони алоҳида баҳри қонеъ намудани талаботҳои моддии худ аз он истифода мебаранд. Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои шартномаи иҷораи бино ва иншоот дар ҳуқуқи маданӣ то ҳол пурра таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, зарурият ҷой дорад, ки масъалаҳои баррасишуда, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда, роҷеъ ба онҳо пешниҳодҳои илман асоснок таҳия карда шавад.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ба ихтисоси илмӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқи қабул кардан дода шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалӣ доир ба танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар асоси таҳқиқот мафҳумҳои «бино» ва «иншоот» ошкор шуда, таносуби байни онҳо муайян карда шудааст. Дар рисола ҷанбаҳои назариявӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули падидаи иҷораи бино ва иншоот, табиати ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот дар қонунгузории мадании баъзе аз давлатҳои хориҷӣ, унсурҳои муҳимми шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ба монанди

мавзуи шартнома, мафҳуми бино ва иншоот, вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳои шартнома, масъалаҳои бақайдгирии давлатӣ ва тасдиқи нотариалӣ, асосҳои тағйир додан, қатъ кардан ва масъалаҳои ҷавобгарии тарафҳо мавриди пажуҳиш ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 23 маводи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр намудааст, ки онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилхо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 60-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Исмоилов Шавкат Маҳмудович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Корманди шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои шурои диссертатсионӣ Тағойназаров Ш.Т.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои шурои диссертатсионӣ Муртазозода Ҷ.С.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон,
аъзои шурои диссертатсионӣ Аминова Ф.М.

Имзоҳои Тағойназаров Ш.Т. ва Муртазозода Ҷ.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Имзои Аминова Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ Исмоилова М.Н.

«23» 02 2026 с.